## ТАҚРИЗИ

муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Мубрамияти таҳкиқотии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» аз он бар меояд, ки дар шароити ҳозира ба мусиқӣ ва нақши он дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ҷоме таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои рушди мусиқии касбӣ ва эҷодиёти мусиқии халқӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, барои дар сатҳи байналмилалӣ эътироф намудани он ва мақоми махсусро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кардани мусиқии тоҷик кушишу заҳматҳои хеле зиёд менамоянд. Маҳз натиҷаи ин заҳматҳост, ки мусиқии тоҷик имрӯз обруву нуфузи хоса пайдо кардааст ва намунаҳои беҳтарини он ба мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид гардида, мақоми байналмилалиро касб намудааст.

Бино бар ин, азхудкунии арзишҳои мусиқӣ ва дар заминаи фарҳанги асили миллӣ тарбия намудани насли наврас, дар ниҳоди онҳо ташаккул додани арзишҳои зебоипарастӣ, бегазанд интиқол додани онҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳалли ин вазифаҳоро месазад, ки мо ба нақш ва ҷойгоҳи фанни суруд ва мусиқӣ, корҳои беруазсинфӣ ва беруназмактабӣ дар самти тарбияи эстетикии кӯдакон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем.

Вобаста ба ин, омӯзиш, таҳқиқ ва азхудкунии он, аз ҷиҳати зебоипарастӣ тарбия намудани хурдсолон, дар онҳо ташаккул додани дарки мусиқӣ ва фаҳмиши он, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи зинаҳои мухталифи таҳсилот ва ниҳодҳои тарбиявӣ маҳсуб мeёбанд. Ин кор бояд аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оғоз ёбад. Аз ин ҷост, ки баррасии масъалаҳои тарбияи мусиқӣ, истифодаи усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии он дар шароити муосир муҳим, мубрам ва барои педагогикаи умумӣ ва мусиқӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич, аз нигоҳи мо, мавзуи рисолаи диссертатсиониашро дуруст интихоб намуда, то андозае барои ҳалли мушкилоти дар соҳаи таълими мусиқӣ ҷой дошта таҳқиқоти арзишмандро ба анҷом расонидааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва мавзуъ (предмет)-и он дуруст муайян карда шуда, дар диссертатсия дар заминаи равиши илмии асоснок корҳои назариявӣ ва тачрибавӣ-таҳқиқотӣ пай дар пай ҳалли худро ёфтаанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии рисолаи диссертатсионӣ дуруст коркард шуда, асосан ба талаботи илми педагогика, махсусан педагогикаи мусиқӣ мувофиқат мекунанд.

Маълум аст, ки ҳама гуна намуд, малака ва салоҳиятҳо дар раванди фаъолият инкишоф меёбад, маҳз барои ҳамин муаллифи рисола истифода бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ объекти таҳқиқоти хеш қарор дода, дар интихоби намуд ва шаклҳои онҳо, ба назар гирифтани навъҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, хусусиятҳои синну солӣ, шавқу ҳаваси кӯдакон, муносибаташро ба фарҳанги мусиқӣ талаботи муҳим ва зарурӣ меҳисобад. Принсипи таълими ба шахсият равона кардашударо тақвият мебахшад. Ин принсип дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши бориз мебозад. Бо ин нуқтаи назари муаллифи рисола пурра розӣ шудан мумкин аст.

**Падидаи навгонӣ ва бозёфти** илмии ва тачрибавии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он муаллиф бори нахуст бозиҳои дидактикӣ, аз он чумла бозиҳои мусиқиро дар раванди таълими мусиқӣ дар зинаи ибтидоии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пойгоҳи таҳқиқотӣ ва мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст, ки барои кулли ин навъ таълимгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ, методӣ ва амалӣ дорад. Илова ба ин собит карда шудааст, ки бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ яке аз шаклҳои интерактивии такмили раванди таълим ба шумор рафта, на танҳо хонандагон, балки худи омӯзгорро фаъол мегардонанд ва яке василаи асосии мукаммалгардонии таълиму тарбияи мусиқӣ ба шумор меравацд. Оид ба нуқтаи назари муаллифи диссертатсия чиҳати аҳаммияти хоса доштани бозиҳо ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи зебоипарстии кӯдакон ва фаъолгардонии раванди таълим низ, комилан розӣ шудан мумкин аст.

Боиси тазаккур аст, яке аз навгониҳои дигари диссерстатсия таҳия ва пешниҳоди барномаи таълимӣ-педагогие мебошад, ки дар он мазмун, мақсад, вазифаҳо, принсип ва марҳилаҳои таълиму тарбияи таълими мусиқӣ тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, истифодаи эчодкоронаи онҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мебошад, ки сатҳу сифати таълими мусиқиро дар зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври намоён баланд бардоштааст. Ҷиҳати татбиқи муваффақонаи стандартҳои таълимии таҳсилот дар зинаи номбурда мусоидат кардааст (Диссертатсия, боби 2, фасли 2, саҳ. 95-116).

Хулосаи муҳимми дигари муаллиф оид ба ҳуқуқи баробар доштани ҳар як шакли таълиму тарбияи мусиқӣ, аз ҷумла, бозиҳои дидактикии

мусиқӣ дар байни кӯдакон, ҳам барои назария ва ҳам барои методикаи тарбияи мусиқӣ аҳаммияти махсус дорад ва аз муҳиммияти таҳқиқоти мазкур барои омӯзгорони фанни суруд ва мусиқӣ шаҳодат медиҳад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти** анҷомёфта аз он иборат аст, ки равишҳои илмии таҳқиқи масоили истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол асоснок шуда, натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни мазкур ва ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, рушди маҳорату малакаҳои мусиқии онҳо ташаккул дода шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки барномаи таълимӣ-педагогӣ ва тавсияҳои оид ба истифодаи воситаву усулҳои бозиҳо ба такмили таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии** унвонҷӯ иборат аз он аст, ки дар заминаи таҳқиқотҳои илмии педагогӣ, истифодаи назария ва методологияи бозиҳо, таҳлили маводи дарсҳои суруд ва мусиқӣ зимни принсипи интерактивӣ, таълими ҷараёни тадриси фанни мазкур дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда мешавад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ғояҳои файласуфо, равоншиносон, педагогҳо, мусиқишиносон, омӯзгорони нововар оид ба нақши мусиқӣ дар рушди шахсияти инсон ташкил додааст. Нукта ва хулосаҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги мусиқии кӯдакон, тарбияи эстетикии онҳо дар раванди таълими мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ, педагогикаи бозӣ ҳамчун қисми таркибии педагогикаи умумӣ, масъалаҳои ташаккули салоҳиятнокӣ, ҳамчун заминаи назариявии диссертатсия мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Рисола аз ду боб, шаш фасл, рӯйхати адабиёт ва заминаҳо иборат аст. Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ-методологии бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ» масъалаҳои назариявии бозӣ ва нақши он дар таълиму тарбияи хонандагони хурдсол таҳлил ва барррасӣ гардида, таҳқиқотҳои олимони соҳаҳои гуногуни илм – педагогика, психология, мусиқишиносӣ оид ба бозӣ ҳамчун хориқаи фарҳангӣ ва арзиши тарбиявӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Консепсияҳои мухталифи олимони ватанию хориҷиро муаллиф ҳамчун асоси назариявии рисолаи мазкур истифода бурдааст. Дар қисми назариявии диссертатсия, ҳамзамон ба корҳои илмии олимоне, ки масъалаҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудаанд ва онҳоро таҳқиқ кардаанд, баррасӣ, шарҳ ва тавзеҳи истилоҳи «салоҳият» вобаста ба салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол ҳамчун арзиши фарҳангиву таърихӣ ва равонӣ таҳлил гардидааст.

Ба таҳқиқоти олимони рус Б.Г.Ананиев, Л. Вийготский, П.П. Блонский, В.В. Давидов такя намуда, муаллифи рисола дуруст қайд мекунад, ки таъсири бозиҳои дидактикӣ ба ташаккули кӯдакони синфҳои ибтидоӣ дар аҳаммияти семантикии ашё барои кӯдак ва дар қувва эҳтиёчот зоҳир мегардад (Диссертатсия, саҳ.19).

Дар рисола оид ба аҳаммияти мусиқӣ дар тарбияи кӯдакон, аз муттафакирони тоҷик, аз ҷумла, Абуалӣ ибни Сино мисолҳо оварда шуда зикр мегардад, ки мусиқӣ –воситаи инкишофи маънавию аҳлоқӣ ва зеҳнии онҳо маҳсуб меёбад. Олимон накши муоширатро бо мусиқӣ, дар ғанӣ гардонидани олами ботинии инсон қайд карда, онро ботамоми равандҳои равонии инсон, садои воқеати даркшуда ва ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ муассир арзёбӣ кардаанд. Вобаста ба ин, хулосаи муаллифи рисола оид ба бозӣ дар рушди шахсият, ҳавасмандӣ ба омӯзиш, шаклу усули фаъоли таълим ва ташаккули салоҳиятҳои мусиқӣ, инкишофи таффакури эҷодии дарки олам ва малакаҳои амалӣ бояд дастгирӣ карда шавад. Бозӣ чун усули фаъоли таълим дар дарси суруд ва мусиқӣ ба дарки маънои асарҳои омӯхташаванда, азхудкунии маҷмуи маҳорату малака, образҳои заруриии инъикоскунанда мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, хулоса мекунад муаллифи диссертатасия, ки бозӣ имкон медиҳад, то фаъолияти кӯдак тавассути иҷрои амалҳо сурат бигирад ва салоҳиятҳои заруриро ташаккул диҳад, ба раванди инкишофи салоҳиятҳо ва дарки олами зебоӣ мусоидат намояд.

Ин ва дигар хулосаву нуктаҳои илмӣ-назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллиф дар ташкил ва баргузор намудани озмоиши педагогӣ имкониятҳои фароҳами илмӣ ба вуҷуд оварда, дар ин замина натиҷаҳои ниҳоии бадастомада воқеъбинона арзёбӣ карда, таъсири силсилаи фанҳои мусиқӣ-зебоипарастӣ ба раванди азхудкунии фарҳанги мусиқӣ ва ба фаъолияти мусиқӣ ҷалб намудани кӯдакон дақиқ ва мушаххас омӯхта ва муайян карда шаванд.

**Фасли дувуми боби якуми** диссертатсия «Моҳият ва сохтори бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ» номгузорӣ карда шудааст. Дар он қайд мегардад, ки педагогикаи муосир ба тавсеаи робитаи бозӣ ва санъат дар раванди таълим, воридсозии фарҳанги мусиқӣ ба фаъолияти бадеӣ-эстетикӣ ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар ин фасл типологияи бозиҳо табақабандӣ карда шуда, оид ба моҳият ва хусусияти онҳо маълумот дода мешавад. Дар мисоли суруду оҳангҳои композиторони тоҷик, истифодаи онҳо дар дарсҳо муфассал баррасӣ гардидаанд. Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили бозиҳо дар мисоли пойгоҳи таҳқиқотӣ зикр мегардад, ки бозиҳои зебоипарастӣ-дидактикӣ бояд ҳамеша ҳамгиро карда

шуда, ба фаъолияти эҷодӣ равона гарданд ва тавассути истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ барои амалӣ намудани тахаюлот ва ғояҳои хонандаи хурдсол нақши муайянро бозанд. Ба ин васила онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд, таҷриба, эҳсосот, донишҳои дар давоми бозӣ бадастомадаро дар муҳити зебоипарастӣ дарк ва тақвият мебахшанд (Диссертатсия, саҳ.45).

Дигар талаботи муҳим ба омӯзгор аз нигоҳи муаллифи диссертатсия Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар вақти бозӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва психологияи хонандагон мебошад, ки дар он омӯзгор на танҳо чун тарбиятгар, балки чун бозингар, яъне актёр, роҳбалад шогирдонро ба иҷрои нақшаи хеш раҳнамун созад. Ба ин принсип такя намуда дар рисола вазифаҳои асосии бозиҳо ҷудо карда шудаанд, ки барои инсон хеле муҳиманд. Онҳо чунинанд: бозиҳо ҳамчун василаи рушди соҳаи ҳавасмандӣ–эҳтиёҷотӣ; ташаккули рафтори ихтиёрӣ; инкишоф амалҳои равонӣ ва воситаи маърифатии инсон.

Дар **фасли сеюми боби якум** «Шароитҳои мусиқӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ» дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодашуда шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ташкили бозиҳои мусиқию дидактикӣ дар раванди таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ муайян карда шудаанд. Онҳо чунинанд: ошкор сохтани роҳу усулҳои гуногуни сурудхонӣ, ҳаракатҳои зарбии мусиқӣ, нақшофарӣ, навохтани сози мусиқии бачагона, эҷоди суруду мусиқӣ ва ёд додани дигар малакаҳо. Азхудкунии онҳо дар раванди таълими дарси суруд ва мусиқӣ салоҳиятҳои мусиқиву эҷодиро дар ниҳоди хурдсолон ташакккул медиҳад. Онҳо тасвирҳои мусиқиро озодона меомӯзанд, эҳсосоти худро зоҳир менамоянд ва дар шуури хеш маърифати мусиқиро ташаккул медиҳанд.

**Дар боби дуюми** диссертатсия «Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳи мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-педагогӣ оид ба муайянсозии сатҳи воқеии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон муайян карда шуда, таввасути таҳқиқотҳо дар зинаи ибтидоии таълим бо истифода аз бозиҳои мусиқии дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ шароитҳои педагогӣ ва механизмҳои самараноки рушди минбаъдаи салоҳиятҳо вобаста ба стандарти давлатии таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ баррасӣ ва натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидаст. Дар хотимаи ин боб марҳилаҳои гуногуни озмоишҳои умумӣ ва қиёсии педагогӣ, таҳлили натиҷаҳо, ба амал баровардa, ба низом даровардани хулосаву пешниҳодҳо анҷом дода шудааст.

Фасли якуми боби дуюм «Муайянсозии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар чараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» номида шудааст, ки дар он дар заминаи таҳлили вазъи воқеӣ баъзе нуқсону камбудиҳо дар ин самт ошкор карда шудаанд. Дар марҳилаи аввали таҳқиқот сатҳи нисбатан паст ва ба таври дилхоҳ рушд наёфтани фаъолияти бозии мусиқӣ дидактикӣ дар қисми бештари хонандагон (ҳам гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ) муайян карда шуд. Аксарияти хонандагон мусиқиро аксар вақт бо парешонӣ гӯш карда хусусияти онро аниқ муайян карда наметавонистанд, жанрҳои мусиқиро нодуруст номбар мекарданд. Дар навохтани созҳои мусиқӣ шавқу ҳавас зоҳир накарда, дар сози мусиқӣ навохта наметавонистанд ва ғ. Номунтазамии ҳаракат мушоҳида карда мешуд.

Фасли дигари боби дувум «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар чараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» унвон шудааст, ки дар он чиҳати беҳтар ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ барномаи таълимӣ-педагогӣ асоснок ва таҳия гардидааст.

Барнома аз мақсад, вазифа, қоидаҳо ва асосҳои консептуалии бозиҳо, намудҳои фаъолитяти таълимӣ ва ғ. иборат буда, зимни амалӣ намудани тадбир ва принсипҳои он вазъи таълими мусиқӣ дар самти ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол беҳтар гардидааст. Ба назар мерасад, ки барномаи мазкур чиҳати омӯхтан ва пажӯҳиши бахшҳои дигари низоми таҳсилоти ибтидоӣ хидмат кунад.

Фасли дуюми боби сеюм «Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни истифода аз бозиҳи мусиқӣ-дидактикӣ дар чараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» номгузорӣ шудааст. Дар он муаллиф чунин хулосаронӣ мекунад, ки дар раванди озмоиш бо истифода аз намунаҳои гуногуни маҷмуи бозиҳои мусиқии дидактикӣ ҳадаф ва вазифаҳо ба иҷро расонида шуда, дар муқоиса бо давраи муқарраркунанда натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд.

Таҳлили муқоисавии натичаҳои марҳилаи муқарраркунанда ва назоратии озмоиш динамикаи мусбати ташаккули салоҳияти мусиқии хонандагони ҳар ду гурӯҳро муайян намуд. Таваҷҷуҳи кӯдакон ба машғулиятҳои таълимӣ афзоиш ёфт. Фарзияи таҳқиқоти анҷомдодашуда тасдиқ гардид. Аз рӯйи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ чун василаи ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва махсуси хонандагони хурдсол хулосаву тавсияҳои методӣ пешниҳод шуданд.

Боиси тазаккур аст, ки натиҷаҳои марҳилаи назоратии озмоиш нишон дод, ки аксарияти кӯдакон аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои пешгӯикардашуда натиҷаҳои бомуваффақиятро соҳиб гардиданд.

Ҳамзамон, ҷамъбасти мушоҳида аз натиҷаҳои хуби рушди маҷмуи малакаҳои мусиқиву коммуникативӣ, инкишофи қобилият ва маҳорати сароидан, навозиши соз, фаъолияти иҷрокунандагӣ ва ғ. шаҳодат медиҳанд. Инро ҳар як марҳилаи озмоиш, ки дар диаграмма ва ҷадвалҳо инъикос шудаанд, собит месозад. Таҳқиқот ва натиҷаҳои арзёбии он нишон медиҳад, ки дар ҳолати умумии эҳсосии ҳам иштирокчиёни алоҳида ва ҳам тамоми гурӯҳ тағйироти мусбат ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили диссертатсия хулоса бояд кард, ки ҳадаф ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда пурра ба даст оварда шуданд. Маълумоти овардашуда самаранок будани методика ва барномаи таълимӣ-педагогиро дар самти ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ собит менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада ба диссертант Ш.Р. Боев имкон додааст, ки кори ба мақсад мувофиқ ва ба роҳ мондани асосҳои барномаи таълимӣ-педагогӣ дараҷаи фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври намоён баланд гардад.

Дар анҷоми диссертатсия **хулосаҳои умумӣ** ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардиданд, ки арзиши амалӣ ва эътимоднокии онро барои таълими мусиқӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, бахусус, фанни суруд ва мусиқӣ тасдиқ мекунад. Хулоса карда мешавад, ки дар тарбияи мусиқии хонандагони хурдсол яке аз ҷойҳои аввалиндараҷаро таълим бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мегирад, ки ин аҳаммияти бағоят калон дорад, зеро бозиҳои мусиқӣ ба беҳтар шудани ҳолати руҳӣ ва эмотсионалии кӯдакон мусоидат мекунад ва инчунин онҳоро фаъол мегардонанд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» ҳалли масъалаҳои дар пеши худ гузоштаро бомуваффақият ба анҷом расонидааст. Дар диссертатсия зимни таҳқиқотҳо тасдиқ карда мешавад, ки зуҳуроти бозии мусиқӣ маҳз ба хонандагони хурдсол хос аст, зеро он омили рушди қобилияти кӯдак ба шумор меравад, ҷаҳонбинии ӯро бой ва пурмазмунтар мегардонад, инкишофи комили минбаъдаро равнақ мебахшад ва салоҳияти шахсии ӯро ташаккул медиҳад.

Аммо лозим ба зикр аст, ки Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар баробари дастовардҳо ва ёфтаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия хеле зиёданд, бархе аз костагиҳо ва норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки аксаран ҷанбаи ороишӣ-техникӣ доранд:

1. Чизи нахусте, ки ба назар мерасад он аст, ки доир ба масъалаҳои тарбияи мусиқӣ дигар рисолаҳои диссертатсионие иҷро шудаанд, ки ба мавзуи мазкур пурра дахл доранд ва дар ҷумҳурӣ дифоъ карда шудаанд, аз ҷумла Б. Нарзуллоев, А. Алиев, М. Турсунова ва диг. Вале онҳо дар диссертатсия пурра баррасӣ ва таҳлил карда нашудаанд.

2. Дар феҳристи адабиёт баъзе ноҷӯриҳо, ҳамхониҳо номутобиқатҳо ба назар мерасад, ки таҷдиди назар мехоҳад. Зеро дар диссертатсия як манбаъ бо як адад нишон дода шуда, вале дар мутобиқатӣ бо феҳристи адабиёт қарор дорад (Диссертатсия, саҳ. 50, 87).

3. Агар дар автореферати диссертатсия ҳар як фасли боби он тавсиф карда мешуд, мазмуни он дар диссертатсия пурратар инъикос мегардид.

4. Хуб мешуд, ки Ш.Р. Боев асосҳои барномаи таълимӣ-педагогиеро, ки дар диссертатсия таҳияи он оварда шудааст, мухтасар дар автореферат ҷой медод.

5. Истифодаи бозиҳои миллӣ, намунаҳои беҳтарини он дар диссертатсия вобаста ба шароити имрӯза, мазмуни рисоларо бой ва нақши бозиҳоро дар тарбияи миллӣ зимни истифодаи арзишҳои суннатӣ ғанӣ мегардонид.

6. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд (саҳ. 27, 28 ва ғ.).

Аммо камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, арзиши комили илмии диссератсия ва дастовардҳои назарраси онро кам намекунад. Хулоса ва натиҷагириҳои муаллифи рисолаи илмӣ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич бо шавоҳиду далелҳои муътамад навишта шуда, аз сатҳи дониши баланду истеъдоди хуби илмӣ дарак медиҳад.

Рисолаи илмӣ ба самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст, мутобиқат мекунад. Дараҷаи навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асосан дуруст буда, хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда барои назария ва методикаи таълиму тарбияи мусиқӣ аҳаммияти хоса доранд. Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он ба табъ расида, баёнгари мазмуну моҳияти рисолаи илмӣ мебошанд.

Автореферат ва 17 мақолаҳои илмии нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Аз онҳо 3 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шуданд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи педагогика ва шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

# ХУЛОСА

Диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои
ҷомеашиносӣ ва гуманитарии
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов

Латифзода Диловар Назришоҳ

Нишонӣ: ш. Душанбе,
Маҳ.Испечак 2, М.30, хонаи 1, хуҷ.3.
Тел.: + 992 907-07-02-44.
E- mail: dilovarl @ mail. ru

Имзои Д.Латифзодаро
тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Т. Сатторов

Тошов Муҳаммадюсуф Абдураҳмонович

Нишонӣ: ш.Душанбе,
кӯчаи Ш.Ҳусейнзода -155
Тел.: 2-27-07-10
E-mail:tjconservator@mail.ru